# 78376 - Ҳукми дашном додани шайтон дар рӯзи Рамазон

**савол**

Ҳукми касе ки шайтонро дар рӯзи Рамазон дашном медиҳад, чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои мӯъмин шоиста нест, ки забони худро бар дашному ҳақорат одат кунонад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Мӯъмин таъназану лаънатгар ва фаҳшгӯву бадзабон нест».** Ривояти Тирмизӣ. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу-т-тирмизӣ" саҳеҳ донистааст.

Рӯзадор бояд беш аз ҳама рафтори некӯ дошта бошад. Аз ин рӯ, бар ӯ зарур аст, ки дашномро тарк кунад, гарчанде ки ҳақ дар ҷониби ӯ бошад. Бинобар ин, расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) рӯзадорро амр кардааст, ки бар адоват бо адоват посух надиҳад, балки агар касе ӯро дашном диҳад ва ё бо ӯ даргир шавад, бояд бигӯяд: Ман рӯзадор ҳастам, ман рӯзадор ҳастам. Муттафақун алайҳ. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим).

Ҳарчанд посух додан бар адоват бо адоват ҷоиз аст. Аллоҳ таъоло фармудааст:

فَمَنِ اعْتَدَى عَلَيْكُمْ فَاعْتَدُوا عَلَيْهِ بِمِثْلِ مَا اعْتَدَى عَلَيْكُمْ (سورة البقرة: ١٩٤).

**«Пас ҳар кас ба шумо таадӣ ва таҷовуз кард, шумо низ ҳамон гуна ки ба шумо тааддӣ кардааст, ба ӯ тааддӣ намоед».** (Сураи Бақара: 194).

Вале ба рӯзадор дастур шудааст, бояд беш аз ҳама ба амалҳои некӯ шитоб намояд ва аз корҳои бад иҷтиноб варзад.

Ҳар гоҳ назғ ва васвасае аз ҷониби шайтон ба мӯъмин бирасад, пас дар ин ҳолат, дашном додани шайтон ҳеҷ суде надорад, балки бар ӯ машрӯъ аст, ки ба Аллоҳ аз шайтони

рондашуда паноҳ бибарад.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَإِمَّا يَنْزَغَنَّكَ مِنَ الشَّيْطَانِ نَزْغٌ فَاسْتَعِذْ بِاللَّهِ إِنَّهُ هُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ (سورة فصلت: ٣٦).

**«Ва ҳар гоҳ васвасае аз сӯи шайтон ба ту расад, пас ба Аллоҳ паноҳ бибар, ки яқинан Ӯ шунавои доност».** (Сураи Фуссилат: 36).

Аз Абулмалиҳ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки марде гуфт: Бар чаҳорпое дар паси паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) савор шуда будам, ки чаҳорпо лағжид. Гуфтам: Шайтон ҳалок шавад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Шайтон ҳалок шавад, магӯ, зеро агар ту чунин бигӯӣ, ӯ бузург мешавад, ҳатто ин ки мисли хона мешавад ва мегӯяд, ки ин ба қудрати ман аст. Вале бигӯ: "Бисмиллоҳ" (ба номи Аллоҳ), зеро ту агар онро бигӯӣ, хурд мешавад, ҳатто ин ки мисли пашша мешавад».** Аҳмад (20068) ва Абудовуд (4982) ин ҳадисро ривоят кардаанд. Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" саҳеҳ донистааст.

Аллоҳ донотар аст.